ВАРАҚАИ ИТТИЛООТИИ № 37
КОТИБОТИ ШӮРОИ МАШВАРАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ

## МАВЗӮҲОИ АСОСӢ:

- **Омодагӣ ба ҷаласаи дувоздаҳуми Шӯрои машваратӣ**
- **Мониторинги иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯро**
- **Ислоҳот оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ**
- **Ислоҳот нисбати беҳтар гардидани фазои сармоягузорӣ дар бахши суғурта**
- **Ислоҳот вобаста ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҳисоботи “Пешбурди Соҳибкорӣ”-и Бонки Ҷаҳонӣ**
- **Пешниҳодоти намояндагони бахши хусусӣ ҷиҳати рушди фазои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ОМОДАГӢ БА ҶАЛАСАИ ДУВОЗДАҲУМИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ

Котиботи Шӯрои машваратӣ маводҳои ҷаласаи ояндаи Шӯроро омода ва пешниҳод намуд. Ба лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаи ояндаи Шӯро чор масъала пешниҳод карда шудааст.

1. Гузориш оид ба рафти иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ

2. Муаррифии натиҷаҳои таҳлил ва лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ

3. Пешниҳоди лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҳисоботи «Пешбурди Соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ

4. Пешниҳоди яке аз масъалаҳои лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаи ояндаи Шӯрои машваратӣ оид ба ташкили бозори такрории коғазҳои қимматнок ва биржаҳои фондӣ дар Тоҷикистон

Вобаста ба ҳар як банди лоиҳаи рӯзномаи ҷаласа, маводҳои таҳлилӣ ва иттилоотӣ, лоиҳаҳои Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид

ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ, Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҳисоботи "Пешбурди Соҳибкорӣ"-и Бонки Ҷаҳонӣ, маърӯзаҳо ва муаррифномаҳо таҳия карда шудаанд.

Инчунин дар доираи омодагӣ ба ҷаласаи ояндаи Шӯро ва баррасӣ намудани масъалаҳои лоиҳаи рӯзномаи ҷаласа, бо намояндагони бахши хусусӣ вохӯриҳо гузаронида шуда, доир намудани чунин вохӯриҳо бо шарикони рушд ба нақша гирифта шудааст.

Дар назар аст, ки ҷаласаи ояндаи Шӯро моҳи декабри соли ҷорӣ доир карда шавад.

## МОНИТОРИНГИ ИҶРОИ ҚАРОРҲОИ ҚАБУЛНАМУДАИ ШӮРО

Дар ҳошияи омодагӣ ба ҷаласаи ояндаи Шӯро, аз ҷониби Котиботи Шӯрои машваратӣ мониторинги иҷрои қарорҳои протоколии ҷаласаҳои 10-ум ва 11-уми Шӯро дар вазорату идораи дахлдор гузаронида шуданд.

Қарорҳои қабулнамудаи Шӯро аз ҷониби вазорату идораҳои марбутаи ҷумҳурӣ дар маҷмуъ иҷро гардидаанд. Аз ҷумла, ҷиҳати татбиқи босамари Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯро оид ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва Муассисаи давлатии "Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ" таъсис дода шуда, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ тасдиқ карда шуд.

Барои иҷрои пурра ва саривақтии қарорҳои ҷаласаҳои 10-ум ва 11-уми Шӯро, аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ якҷо бо Котиботи Шӯрои машваратӣ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» таҳия гардида, пас аз мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор ба баррасии Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод карда шуд.

Тибқи Нақшаи кории Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, мониторинги иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» дар 16 мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ ва 27 мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ гузаронида шуд ва натиҷаҳои он дар ҷаласаи навбатии Шӯро муаррифӣ карда мешавад.

Бо мақсади иҷрои банди 1-и Протоколи ҷлсаи 11-уми Шӯро аз 30 апрели соли 2013 оид ба таъсири Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки дар заминаи Кодекси мазкур қабул гардидаанд, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2013 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд», қабул гардид.

Тибқи тағйироту иловаҳои қабулшуда, Номгӯи фаъолиятҳои соҳибкорие, ки дар асоси патент амалӣ карда мешаванд, васеъ гардида маблағи патент низ вобаста ба шакли фаъолияти соҳибкорӣ то андозае паст карда шуд, ки ин тадбирҳо барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат хоҳанд кард.

Ҳамчунин бо мақсади омӯзиш, таҳлил ва такмили Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фармоиши Вазири молия аз 19.07.2013, №71) гурӯҳи кории доимоамалкунанда таъсис ёфта, фаъолият намуда истодааст.

Ҷиҳати иҷрои банди 3-и Протоколи ҷаласаи 11-уми Шӯрои машваратӣ оид ба ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Тоҷикистон аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон корҳои муайяне амалӣ шуда истодаанд. Аз ҷумла, Бонки миллӣ тасмим гирифтааст, ки ҷиҳати ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Тоҷикистон бо яке аз Оҷонсиҳои рейтингии байналмилалии бонуфуз ва соҳибтаҷриба ҳамкориро ба роҳ монад.

Котиботи Шӯрои машваратӣ мунтазам мониторинги иҷрои қарорҳои протоколии ҷаласаҳои Шӯрои машвaратиро идома дода, натиҷаҳои онро ба ҷаласаҳои Шӯро барои баррасӣ пешниҳод менамояд.

## ИСЛОҲОТ ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР БАХШИ САЙЁҲӢ

Котиботи Шӯрои машваратӣ ҷиҳати иҷрои қарорҳои ҷаласаи 10-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ фаъолияти худро идома дода, дар доираи гурӯҳи корӣ, якчанд корҳои назаррасро анҷом дод.

Гурӯҳи корӣ бо ҷалби шарикони рушд дар самтҳои мухталиф, аз ҷумла: **а)** хизматрасонӣ дар фурудгоҳҳо, дигар гузаргоҳҳои сарҳадӣ ва омӯзиши ходамоти хизматрасонии муштариён; **б)** раводид ва бақайдгирӣ; **в)** иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ; **г)** омор ва маълумот ва **д)** дигар ҷанбаҳои бахши сайёҳӣ таҳлили ҳамаҷониба гузаронид. Дар бахшҳои зикргардида асосан вазъи кунунӣ ва мушкилоти соҳа мавриди омӯзиш қарор дода шуда, дар заминаи он Модели рушди бахши сайёҳӣ дар Тоҷикистон бо фарогирии тавсияҳо ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳои бахши сайёҳӣ таҳия карда шуд. Дар асоси тавсияҳои пешниҳодгардида, лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ таҳия гардид ва ба ҷаласаиояндаи Шӯро пешниҳод карда мешавад.

Ҳуҷҷати таҳлилии "Модели рушди бахши сайёҳӣ дар Тоҷикистон: таҳлил ва тавсияҳо" аз ҷониби Котиботи Шӯрои машваратӣ таҳти сарварии Роҳбари

гуруҳи кории мазкур Завқиҷон Завқиев бо иштироки коршиноси байналмилалӣ оид ба рушди бахши сайёҳӣ профессор Филлип Ридл, ки бо дастгирии Сафорати Британияи Кабир дар Тоҷикистон ҷалб шудааст, таҳия гардида, бо пешниҳодоти аъзои дигари гуруҳи кории мазкур, аз ҷумла бахши хусусӣ ва гуруҳи кории шарикони рушд омода карда шудааст. Инчунин дар ҳуҷҷати таҳлилӣ натиҷаҳои таҳлили рушди бахши сайёҳӣ дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, ки бо дастгирии Агентии Олмон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ доир гардида буданд, ба инобат гирифта шудаанд.

Дар фаъолияти гуруҳи корӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ як қатор шарикони рушд, аз ҷумла Сафорати Британияи Кабир дар Тоҷикистон, Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд, Агентии Олмон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ва Дафтари Ҳамкориҳои Швейтсария саҳмгузорӣ намуданд.

## ИСЛОҲОТ НИСБАТИ БЕҲТАР ГАРДИДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР БАХШИ СУҒУРТА

Мувофиқи супориши банди 4 Протоколи ҷаласаи XI-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ «вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия якҷо бо вазорату идораҳои марбута, бо ҷалби бахши хусусӣ ва шарикони рушд оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта таҳлили зарурӣ гузаронида, натиҷаҳои онро бо тавсияҳои мушаххас ба ҷаласаҳоиояндаи Шӯро пешниҳод намоянд». Дар ин асос ҷиҳати иҷрои пурраи ин банди Протоколи ҷаласаи XI-уми Шӯро дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи намояндагони вазорату идораҳои дахлдор ва намояндагони бахши хусусӣ бо дастгирии шарикони рушд гуруҳи корӣ таъсис дода шуда, фаъолияти худро оғоз намуд.

Фаъолияти гуруҳи корӣ дар бахши суғурта ба таҳияи тавсияҳои мушаххас оид ба мукаммалгардонии қонунгузории бахши суғурта, рушди ҳамаи шаклҳои суғурта, баланд бардоштани рақобатпазирии ин бахш ва дар маҷмӯъ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта равона карда шудааст.

Бояд қайд кард, ки гуруҳи кории бахши суғурта фаъолияти худро аз омӯзиши ҳуҷҷати барномавии Бонки Ҷаҳонӣ оид ба масъалаҳои асосии бахши суғурта дар Тоҷикистон оғоз намуда, тавсияҳои дар он пешниҳодшударо нисбати фароҳам овардани имконият барои рушди рақобат дар бахши суғурта, пурзурнамоии назорати соҳа ва таъмини мустақилият ба мақомоти назоратии бахши суғурта, инчунин такмили қонунгузории танзимкунандаи фаъолият дар бахши суғурта мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дод. Дар баробари ин гуруҳи корӣ бо тадқиқоти аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ гузаронидашуда маҳдуд нагардида, таҳлили бозори суғуртаи ихтиёриро низ гузаронид.

Аз ҷумла, дар ҷараёни омӯзиш ва таҳлил масъалаҳои эътимоди нокифояи аҳолӣ нисбат ба ширкатҳои суғуртавӣ, норасоии мутахассисони соҳибтахассус (актуарийҳо), ҷавобгӯ набудани стандартҳои таълимӣ дар макотиби олии ҷумҳурӣ ба талаботи муосири бозори суғурта, рақобати носолим, ҷавобгӯ набудани хизматрасонии ширкатҳои суғуртавӣ ба талаботи стандартҳои байналмиллалии суғурта, сатҳи пасти пардохтпазирии ширкатҳои суғуртавӣ, мавҷуд набудани ассосиатсияи ташкилотҳои суғуртавӣ дар мамлакат, мавҷуд набудани ташкилотҳои азнавсуғуртанамоӣ, рушди нокифояи суғуртаи тиббӣ муайян карда шудаанд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар натиҷаи фаъолияти гуруҳи корӣ ҳисоботи гуруҳи корӣ ва дар асоси он нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта таҳия гардида, ба ҷаласаҳои навбатии Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ пешниҳод карда мешавад.

## ИСЛОҲОТ ВОБАСТА БА БЕҲТАР НАМУДАНИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҲИСОБОТИ “ПЕШБУРДИ СОҲИБКОРӢ”-И БОНКИ ҶАҲОНӢ

Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҳукумати мамлакат масъалаи рушди бахши хусусӣ ва ҷалби сармоягузориҳо ба ҳисоб меравад. Бинобар ин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон  сиёсати фаъол ва мақсаднокро дар самти беҳтаргардонии фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ амалӣ мегардонад, ки ба баланд бардоштани рейтинги ҷолибнокии сармоягузории мамлакат равона карда шудааст. Дар рафти гузаронидани чунин сиёсат Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории фаъолро бо гуруҳи Ҳисоботи “Пешбурди Соҳибкорӣ”-и Бонки Ҷаҳонӣ ва Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ амалӣ мегардонад.

Дар ин радиф аз ҷониби Котиботи Шӯрои машваратӣ якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ бо назардошти фикру мулоҳизаҳои соҳибкорон ва шарикони рушд лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҳисоботи «Пешбуди Соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ таҳия карда шуда, ба баррасии ҷаласаиояндаи Шӯро пешниҳод хоҳад шуд.

Рӯзи 1 ноябри соли 2014 дар дафтари Намояндагии Бонки Ҷаҳонӣ дар Душанбе муаррифии расмии Ҳисоботи «Пешбурди Соҳибкорӣ» барои Тоҷикистон дар соли 2014 баргузор гардид, ки дар он намояндагони бахшҳои давлатию хусусӣ ва шарикони рушд ширкат намуданд. Дар чорабинӣ аҳамияти Ҳисоботи «Пешбурди Соҳибкорӣ» барои баҳодиҳии натиҷаҳои ислоҳоти гузаронидашуда ва дастовардҳои мамлакатҳо дар натиҷаи ин ислоҳот муайян карда шуда зикр гардид, ки мувофиқи Ҳисоботи «Пешбурди Соҳибкорӣ» дар

соли 2014 дар Тоҷикистон ду ислоҳоти мусбӣ ба қайд гирифта шудааст. Аз ҷумла ба қадри назаррас беҳтар гардидани дастрасӣ ба иттилооти қарзӣ дар натиҷаи ташкили Бюрои хусусии қарзӣ ва соддаю камхарҷ гардидани раванди андозсупорӣ барои корхонаҳои соҳибкорӣ дар натиҷаи паст гардидани меъёри андоз ба фоидаи корхонаҳо, муттаҳиднамоии андози минималӣ ба даромади корхонаҳо бо андоз аз фоида ва инчунин барҳам додани андоз аз фуруши чакана хуб арзёбӣ карда шуданд. Дар баробари ин таъкид гардид, ки мувофиқи ҳисоботи мазкур самаранокии мутлақи ислоҳот дар маҷмуъ баланд шуда, мамлакат ба сатҳи таҷрибаи беҳтарин дар Ҳисоботи “Пешбурди Соҳибкорӣ” ду зина, яъне аз 45,12% то 47,52% наздик гардид.

Инчунин тибқи Ҳисоботи мазкур қисми зиёди ислоҳоти бахши андоз ва ҷоринамоии «Равзанаи ягона» оид ба воридоту содирот дар Ҳисоботи соли ояндаи «Пешбурди Соҳибкорӣ» ба инобат гирифта хоҳанд шуд.

Дар рафти чорабинӣ Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ Завқиҷон Завқиев низ баромад карда илова намуданд, ки аз ҷониби Котиботи Шӯрои машваратӣ лоиҳаи нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҳисоботи “Пешбурди Соҳибкорӣ”-и Бонки Ҷаҳонӣ таҳия карда шудааст. Лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои мазкур як қатор чорабиниҳоро мувофиқи ҳар яке аз даҳ нишондиҳандаҳои “Пешбурди Соҳибкорӣ” фаро гирифта, айни замон бо шарикон баррасӣ гардида истодааст. Лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳо оид ба нишондиҳандаҳои ҶТ дар Ҳисоботи “Пешбурди Соҳибкорӣ” боназардошти тавсияву пешниҳодҳои ҷонибҳо ба ҷаласаи навбатии Шӯрои машваратии назди Президенти ҶТ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ пешниҳод карда мешавад.

Интизор меравад, ки қабул ва амалӣ гардидани нақшаи чорабиниҳои мазкур ба баланд шудани рейтинги ҶТ дар Ҳисоботи “Пешбурди Соҳибкорӣ” таконе хоҳад бахшид. Дар баробари ин таъкид карда шуд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чорабиниҳои вобаста ба Ҳисоботи “Пешбурди Соҳибкорӣ” маҳдуд нагардида, гузаронидани ислоҳоти заруриро ҷиҳати беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусӣ ва таъмини суботи иқтисодии мамлакат идома медиҳад.

## ПЕШНИҲОДОТИ НАМОЯНДАГОНИ БАХШИ ХУСУСӢ ҶИҲАТИ РУШДИ ФАЗОИ СОҲИБКОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Рӯзи 14 ноябри соли 2013** дар дафтари Котиботи Шӯрои машваратӣ мулоқоти бисёрҷонибаи намояндагони бахши хусусӣ ва намояндагони Котиботи Шӯрои машваратӣ баргузор гардид.

Дар оғози вохӯрӣ Завқиҷон Завқиев - Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ иштирокчиёнро хайрамақдам намуда зикр кард, ки Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ майдони муколамаи озоди байни давлат ва бахши хусусӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, имрӯз намояндагони бахши хусусӣ барои он даъват гардидаанд, ки фикру пешниҳодҳои худро оид ба масъалаҳои:

- Пешниҳоди намояндагони бахши хусусӣ дар самти баланд бардоштани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҳисоботи "Пешбурди Соҳибкорӣ"-и Бонки Ҷаҳонӣ;
- Фикру пешниҳоди намояндагони бахши хусусӣ ҷиҳати масъалаҳои рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

иброз намоянд.

Дар муҳокимаи масъалаҳо намояндагони бахши хусусӣ фаъолона ширкат варзида оид ба мавзӯҳои тақвият бахшидани фаъолияти Бюрои хусусии қарзии «Тоҷикистон», таъмин намудани механизмҳои самараноки татбиқи қонунҳои қабулгардида, бартарафнамоии таъсири манфии Кодекси нави андоз ба рушди соҳибкорӣ, ташкили минтақаҳои саноатӣ дар мамлакат барои фаъол гардонидани соҳибкории истеҳсолӣ, омӯзиши таҷрибаиислоҳот аз мамлакатҳои ҳамсоя, пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ барои соҳибкорони ҷойҳои кори нав ташкилкунанда мубодилаи афкор намуданд.

***Бо эҳтиром,***

***Кормандони Котиботи Шӯрои машваратии назди***
***Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид***
***ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ***

***Завқиҷон Завқиев - Роҳбари Котибот***
***Нумон Абдуҷаборов - мушовири калони иқтисодӣ***
***Дилшод Одинаев - мушовири иқтисодӣ***
***Манучеҳра Мадҷонова - мушовири иқтисодӣ***
***Сафарбӣ Файзова - ёвари маъмурӣ***